14 01 2019




**28 декабри соли рафтаро ятимон ва кормандони мактаб - интернати раками 1 барои кӯдакони ятими шахри Душанбе рӯзи хотирмону фаромӯшношуданӣ мехисобанд. Дар ин санаи фархунда Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба ин муассиса ташриф оварданд ва аз шароити зисту таълими хонандагон ва кормандон дидан карданд.**

Бояд ёдовар шуд, ки Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Рахмон бори чорум аст, ки ба ин таълимгох ташриф меоранд ва бо шароити зисту таълими ятимону кормандон ошно мешаванд. Ба хар бори омаданашон таълимгирандагонро шодиву фарах фаро мегирад. Онхо хуб дарёфтаанду медонанд, ки кудуми Пешвои миллат муборак буда, аз ахволу таълимашон самимона пурсон мешаванду хамрохашон гарму чӯшон сухбат мероянд.

Дар ду соли охир макомоти ичроияи хокимияти давлатии шахри Душанбе муассисаро бо 30 тахтаи электронӣ, 65 компютер, 11 ноутбук ва 76 камераи назоратӣ таъмин намуд. Хамчунин, ба хотири чалби наврасон ба варзиш ва  рушди ин соха ду майдончаи варзиш, як толори варзиш ва ду толори мачлисгох бунёд кард. Таълимгирандагон имкони бехтари омӯхтани технологияи компютерӣ, забонхои хоричиро доранд.

Хамин тавр, ин муассисаи таълимӣ дорои хамаи шароитхои зарурист. Дар се ошёнаи он 22 синфхонаи фаннӣ, 19 кабинети корӣ, 18 хонаи хоб бо 330 кат, 2 хучраи бозии кӯдакон чой доранд. Аз озмоишгоххои фаннӣ ва толори фарханг ба таври васеъ истифода

мебаранд. Мактаб - интернат бо системаи гармидихӣ низ таъмин аст. Ин муассисаи таълимӣ барои кӯдакони ятим, ки яке аз калонтарин мактаб - интернатхои чумхурӣ ба хисоб меравад, соли 1972 дар заминаи мактаб - интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастор таъсис ёфтааст. Бо гузашти солхои зиёд, хосса дар даврони навин, ба талабот чавобгӯ набуд. Дар вохӯрии Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо масъулону фаъолони шахри Душанбе (15 феврали соли 2017) сохибкори ватандӯст, директори чамъияти дорои масъулияташ махдуди «Сарманзил» Махмудчон Муродов икдом намуд, ки аз хисоби даромади софи корхонааш муассисаи таълимии мазкурро пурра аз таъмири асосӣ барорад. Ба хангоми ташрифи Сарвари давлат ӯ ваъда дод, ки барои 600 нафар бошандагони мактаб-интернат хобгохи замонавӣ сохта ба истифода дихад.

Албатта, ташрифу боздид, хидояту рахнамоӣ ва дастуру супоришхои мухтарам Эмомалӣ Рахмон як умр дар хотири ятимон ва кормандони муассиса мемонад. Ба якин, дар дунё хеч сарвари давлате нест, ки мислашон барои ятимон вакти кимати худро сарф намоянду ба шароити зисту таълимашон аз наздик шинос шаванд. Инчунин, бо онхо падарона сухбат биороянду панду андарз бидиханд, рахнамоияшон бинамоянд. Ва хам барои хар кадом тухфаи гаронарзиш такдим бикунанд. Ин хама гамхорихову дастгирихо бо дӯстдориву мухаббати хосса онхо ва моро вазифадор месозанд, ки бехтар аз пештар биомӯзем, фаъолият намоем ва дар рушду пешрафти Ватани азизамон сахми арзанда бигирем.

**Чамолиддин АМИРХОНОВ,**
**директори муассисаи давлатии тахсилоти**
**умумии асосӣ - «мактаб - интернати раками 1**
**барои кӯдакони ятим»-и шахри Душанбе**